ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА
БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ
# КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ДИРЕКТОРОНИ
# МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Душанбе 2026

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-1 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Ғуломносир Қурбонов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Муҳиддинзода, | сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| Т. Турдиев, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Т. Давлатов | Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф |

Барномаи бо дарназардошти талаботҳои Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти кунунии соҳаи маориф ва таҷрибаи пешқадами дохилӣ ва хориҷии идораи инноватсионии муассисаҳои таълимӣ барои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардидааст. Он самтҳои калидии идоракунии самараноки муассиса, фароҳам овардаи муҳити мусоиди таълим, аз ҷумла ташаккули дидгоҳи стратегӣ, таъмини сифати таҳсилот ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон, ташкили механизмҳои самарабахши ҳамкорӣ бо падару модарон ва ҷомеа, идоракунии оқилонаи захираҳои молиявиро дар бар мегирад. Барнома тавозуни байни асосҳои назариявӣ ва амалиро фароҳам меорад, ки барои рушди салоҳиятҳои идоракунии директори муассисаи таълимӣ асос мегардад.

## Мундарича

Сарсухан……………………………………………………..……3

Боби 1. Муқаррароти умумӣ……………………………..……4

Боби 2. Мақсад ва вазифаҳои барнома………………………..4

Боби 3. Сохтор ва таркиби барнома....................................7

Нақшаи мавзуӣ ва барномаи курс……………………...…….10

Адабиёт……………………………………………….…...…….14

## Сарсухан

*"Барои расидан ба ҳадафи беҳтар намудани сифати таҳсилот, дар навбати аввал, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи меъёрӣ, инчунин, таъминот бо имкониятҳои таълимиву методӣ, аз ҷумла таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ зарур аст"*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Барномаи мазкур бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсия миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар таҳияи он таҷрибаи барномаҳои таълимии ватанӣ ва байналмилалӣ, ислоҳоти муосир дар соҳаи маориф ва ниёзҳои воқеии роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Таъмини муҳити босифати таълим, муносибати босалоҳият дар таълим, арзёбии сифати таҳсилот ва рушди салоҳиятҳои асосӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки идоракунии муосири муассисаи таълимӣ, дар маркази барнома қарор дорад.

Омӯзиш тибқи принсипи модулӣ ташкил шудааст ва бо таҳлили вазъи муассисаи худ оғоз меёбад. Дар ҷараёни курс, иштирокчиён минтақаҳои мушкилотро муайян намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро тарҳрезӣ мекунанд ва

стратегияи рушди муҳити таълимиро бо такя ба сарварӣ, ҳамкорӣ ва ҷомеаҳои касбӣ таҳия менамоянд.

Раванди омӯзиш бо ҷалби диққати асосӣ ба таҳлили амиқ, дарёфти масъалаҳои ҳалталаб, қабули қарорҳои самаранок ва рушди салоҳиятҳои идоракунӣ ва сарварӣ оғоз меёбад, ки ба рушди инноватсионии муассиса мусоидат мекунанд.

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

Барномаи мазкур ба баланд бардоштани сатҳи касбии директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Ҳадафи асосии он - таҳкими салоҳиятҳои роҳбарӣ, сарварӣ ва идоракунӣ тавассути татбиқи усулҳои муосири таълим, муносибати босалоҳият дар таълим ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

Барнома ба рушди малакаҳои амалӣ дар идоракунии муассиса, ташкили муҳити самараноки таълимӣ, таҳлили вазъи муассиса, банақшагирии стратегӣ, татбиқи механизмҳои арзёбии сифати таҳсилот, ташкили ҳамкорӣ бо падару модарон, ҷомеа ва идоракунии молиявии муассиса нигаронида шудааст. Таъмини муҳити мусоиди таълимӣ ва ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолияти директор дар маркази омӯзиш қарор доранд.

## Боби 2. Мақсад ва вазифаҳои барнома

**Мақсади барнома.** Барнома ба рушди салоҳиятҳои роҳбарӣ, идоракунӣ ва стратегияи директорони муассисаҳои таълимӣ равона шудааст. Он ба баланд бардоштани сифати таҳсилот тавассути беҳсозии муҳити таълим, идоракунии муассиса ва ҳамкорӣ бо ҷомеа мусоидат мекунад.

Вазифаҳои асосии барнома:

- **Шиносоӣ бо принсипҳо ва методологияи муосири идоракунӣ ва сарварӣ дар соҳаи маориф**, бо мақсади таҳкими малакаҳои роҳбарӣ ва идоракунии муассисаҳои таълимӣ.
- **Омӯзиши стратегияи рушди муассиса ҳамчун системаи иҷтимоии кушода**, ки ба ҳамгироии муассиса бо ҷомеа ва шарикони гуногун мусоидат мекунад.
- **Баланд бардоштани малакаҳои таҳлили муҳити таълимӣ**, арзёбии ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, ва **таҳияи механизмҳои самараноки беҳсозии он**.
- **Татбиқи модели салоҳиятҳои асосӣ**, аз ҷумла: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯзиш дар раванди таълим ва тарбия.
- **Рушди шарикӣ бо ҷомеа**, аз ҷумла падару модарон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ, бо мақсади таҳкими муҳити таълимии муассиса.
- **Баланд бардоштани салоҳиятҳои директорон дар самти менеҷменти молиявӣ**, банақшагирии буҷет ва истифодаи самараноки захираҳо.
- **Омӯзиши принсипҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муассисавӣ**, ки ба рушди муҳити таълим ва фарҳанги муассиса равона шудаанд.

Натиҷаҳои омӯзиш:

Пас аз анҷоми барнома, иштирокчиён бояд тавонанд:

- **Мафҳум ва усулҳои асосии менеҷмент ва сарварии муассисаи таълимиро дарк намоянд**, ва онҳоро дар амал татбиқ кунанд.
- **Стратегияҳои бехатар ва ҳавасмандкунандаи муҳити таълимиро таҳия ва амалӣ созанд**, ки ба рушди шахсии хонандагон мусоидат мекунад.
- **Муҳити таълимии муассисаро таҳлил намуда**, стратегияҳои рушди онро барои беҳсозӣ тарҳрезӣ ва татбиқ намоянд.

- **Модели муносибати босалоҳиятро дар раванди таълим ва тарбия татбиқ кунанд**, ки салоҳиятҳои асосии хонандагонро рушд медиҳад.
- **Шарикӣ бо падару модарон ва ҷомеаро фаъолона роҳандозӣ намоянд**, бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ ва дастгирии муассиса.
- **Истифодаи оқилона ва шаффофи маблағҳоро таъмин кунанд**, роҳҳои ҷалби захираҳои иловагӣ ва грантҳоро омӯзанд ва татбиқ намоянд.
- **Лоиҳаҳои муассисавиро бо ҷалби омӯзгорон, хонандагон ва намояндагони ҷомеа таҳия ва амалӣ созанд**, ки ба рушди муҳити таълим ва фарҳанги муассиса равона шудаанд.

### Курс модулҳои зеринро дар бар мегирад:

#### 1. Менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф

Ин модул ба омӯзиши стратегияҳо ва усулҳои идоракунӣ равона шудааст, ки муҳити мусоиди таълимро таъмин менамоянд. Иштирокчиён бо роҳҳои идораи кормандон, ҷорӣ намудани тағйирот дар муассиса, таҳлили вазъ ва таҳияи нақшаҳои стратегӣ ва солона шинос мешаванд. Ҳадаф — беҳтарсозии сифати таълим ва тарбия тавассути роҳбарии самаранок мебошад.

#### 2. Муҳити таълим — ҳамчун омили сифати таҳсилот

Дар ин модул муҳити таълим ҳамчун заминаи асосии рушди сифати таҳсилот баррасӣ мешавад. Иштирокчиён унсурҳо, сатҳҳо ва вазифаҳои муҳити таълимро меомӯзанд ва нақши директорро дар ташаккули муҳити самаранок таҳлил мекунанд.

#### 3. Муҳити физикии таълим ва идоракунии он

Мавзӯъҳои асосии модул — инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, мутобиқати биноҳо ба меъёрҳои муқарраршуда, тарҳ ва андоза, инчунин таъмини бехатарӣ ва устувории онҳо нисбат ба офатҳои табиӣ.

**4. Татбиқи салоҳиятҳои асосӣ (4К) дар амалияи муассиса**

Модул ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути дарсҳо, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва лоиҳавӣ равона шудааст. Директорон роҳҳои идоракунӣ ва арзёбии ин равандҳоро меомӯзанд.

**5. Арзёбӣ, идоракунӣ ва рушди муҳити таълимӣ**

Иштирокчиён муҳити таълимиро ташхис ва таҳлил мекунанд, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи онро муайян менамоянд ва стратегияҳои беҳсозиро таҳия мекунанд. Нақши директор дар ин раванд мавриди омӯзиш қарор мегирад.

**6. Пешбурди иҷтимоии муассиса ва рушди шарикӣ**

Модул ба таҳкими ҳамкорӣ бо ҷомеа, падару модарон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои давлатӣ бахшида шудааст. Директорон бо механизмҳои ташкили АВО ва дигар шаклҳои шарикӣ шинос мешаванд.

**7. Менеҷменти молиявӣ ва лоиҳакашии муассисавӣ**

Иштирокчиён салоҳиятҳои идоракунии молияро меомӯзанд, ки ба банақшагирии самараноки даромад ва хароҷоти муассиса мусоидат мекунад. Мавзӯъҳо инчунин ҷалби захираҳо ва татбиқи лоиҳаҳои навоваронаро дар бар мегиранд.

## Боби 3. Сохтор ва мазмуни барномаи таълимӣ

Маҷмуи барномаи таълимӣ-методӣ таркибан инҳоро дар бар мегирад:

1) барномаи таълимии курси такмили ихтисоси директорон;
2) модулҳои таълимӣ;
3) роҳнамо барои тренер;
4) презентатсияҳо (руйнамо);
5) вазифаҳо барои муайян намудани сатҳи ноилшавӣ ба натиҷаҳои интизорӣ;
6) варақаҳои тақсимотӣ,

7) нақшаи стратегии амалӣ намудани ҳадафҳои курс.

**Сохтори модули омӯзишӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:**

| Қисматҳои модули таълимӣ | Мазмун ва мундаричаи он |
|---|---|
| Натиҷаҳои таълими мавзуъ | Чиро донистан муҳим аст. Чиро бояд тавонам? Саволҳои асосӣ барои муҳокима |
| «Аз чизҳои сода оғоз мекунем» | Супороишҳои оддӣ барои оғози дарс, дар шакли тест, саволҳо барои баррасӣ |
| Сарсухан | Сарсухани мухтасар оид ба мазмуни мавзу ва зарурияти омӯзиши мавзуъ |
| Мафҳумҳои асосӣ | Шарҳи мафҳумҳои асосӣ, ки дар мавзуъ истифодашудаанд |
| Машғулияти авал:<br>1. Натиҷаҳои таълими қисмати аввали машғулият | Натиҷаҳое, ки дар қисмати аваали машғулият шунавандагон ба кадом натиҷа ноил мешаванд |
| 2. Шумо аллакай чиро медонед ва мефаҳмед? | Омодагии ба омӯзиши мавзуъ, чиро оиди ин мавзу медонанд, санҷиши дониши шунавандагон |
| 3. Шумо чиро бояд донед? Варақаи иттилоотӣ | Қисмати назариявӣ, амалӣ, корҳои гуруҳӣ, инфиродӣ, ки аз омӯзиши мундаричаи мавзӯ, муҳимият, қисматҳо ва шарҳи онҳо иборат аст |
| Ҷамъбаст ва хулосаҳои муҳим | Хулосаи мухтасари мавзуъ, ки шунавандагон аз худ намуданд, ё тасаввурот пайдо намуданд |
| Саволҳои инъикоскунанда | Саволҳо оид ба ғояҳои калидии мавзуъ, татбиқи мундаричаи мавзуъ, дарки шахсӣ, самтҳо барои такмил, гузариш ба амал |

| | |
|---|---|
| Варақаи худбаҳодиҳӣ | Саволҳои тестӣ, иҷрои супоришҳо дар бораи дараҷаи азхудкунии мавзуъ, мулоҳизаронӣ |
| Машғулиятҳои амалӣ | Супоришҳо барои корҳои амалӣ оид ба мавзу, бо мақсади мустаҳкам кардани дониш, маҳорат ва малакаи шунавандагон |

**Мазмуни шакли омӯзиш:**

1. **Таҷрибаи мушаххас -** таҷрибаи нав ва таҷрибаи қаблиро дубора баррасӣ мекунад.
2. **Мушоҳида ва андеша -** бораи омӯзиши таҷрибаи нав фикр мекунад, мушоҳида мекунад ва таҳлил мекунад.
3. Аз таҷриба ва андешаҳо хулоса мебарорад, назария ё фаҳмиши нав месозад.
4. Фаҳмиш ё назарияи навро дар амал татбиқ мекунад ва ба натиҷаҳои нави назаррас ноил мегардад.

Барнома шарҳи ҳадафҳои курси тахассусӣ, таҳлили адабиёти илмӣ ва асноди меёрии ҳуқуқии соҳаро низ дар бар мегирад. Шунавандагон методу усулҳои педагогӣ, сохтор ва механизмҳои арзёбии татбиқи назария ва амалияро аз худ менамоянд.

Дар ҷараёни омӯзиш директорон аз таҷрибаи шахсии идоракунии муассиса, қабули қарорҳо, воситаҳои назорат рӯйнамоҳо тайёр мекунанд.

Арзёбии фаъолияти директорон барои рушди малакаҳои мушаххасе дар аввал ва охири курс пешбинӣ щудааст. Барои ҳар як шунаванда тавсифҳо дода мешавад, ки барои муайян кардани сатҳи рушди салоҳиятҳо ва малакаҳои идоракунӣ кумак хоҳанд расонд.

## Нақшаи
## мавзуи ва барномаи курси модулии такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ
## (ҳамагӣ 66 соат)

| Р.т | Модул | Мавзуҳо | Миқ-дори соат |
|---|---|---|---|
| 1 | Шарҳи умумии курс (2 соат) | Шарҳи курс: мақсадҳо, вазифаҳо, хусусиятҳои усули таълим. Шарҳи сохтори дастури таълимӣ. Лаҳзаҳои ташкилӣ: фазои таълимӣ, гурӯҳҳои корӣ, шиносоӣ. Ташхиси ибтидоӣ | 2 |
| 2 | Модули 1. Менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф (14 соат) | Афзалиятҳои муосири ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон: тавҷҷуҳ ба муносибати босалоҳият дар таълим | 2 |
| | | Муассисаи таълимӣ ҳамчун низоми иҷтимоии кушода: идоракунии тағйирот, банақшагирии стратегӣ | 2 |
| | | Нақши директор ҳамчун раҳбари рушд: тафаккури идоракунӣ, инъикоси касбӣ, фарҳанги лоиҳавӣ | 2 |
| | | Усулҳои идоракунӣ (менеҷмент) ва сарварӣ. Сарварӣ мувофиқи вазъият | 2 |
| | | Тартиби қабули қарор дар вазъияти ғайричашмдошт | 2 |
| | | Банақшагирии стратегии рушди муассиса: ҳадафҳо, марҳилаҳо, воситаҳо (барои 1–5 сол) | 4 |
| | | Мафҳуми муҳити таълимӣ: | 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Модули 2. Муҳити таълим ҳамчун омили сифати таҳсилот (8 соат) | унсурҳо, сатҳҳо, вазифаҳо | |
| | | Моделҳои муҳити таълим ва татбиқи онҳо дар амалияи муассисаи таълимӣ | 2 |
| | | Иртиботи муҳити таълим бо ҳавасмандкунии (мотевация) таълим, ҷалбкунӣ ва ташаккули салоҳиятҳои асосӣ 4К+ | 2 |
| | | Нақши директор дар рушди муҳити таълимӣ: ташхис, лоиҳакашӣ ва тағйирот | 2 |
| 4 | Модули 3. Муҳити физикии таълим ва идоракунии он (8 соат) | Муҳити физикӣ ҳамчун заминаи муҳими таълим ва омӯзиш | 1 |
| | | Фазо ҷанбаи муҳими муҳити физикӣ | 1 |
| | | Муҳити физикии таълим дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 |
| | | Табдили синфхона ва муҳити умумии мактаб ба фазои фаъоли таълим | 1 |
| | | Аз фазо то амал | 2 |
| | | Тарҳрезии муҳити таълим (фазо) бо методологияи «Тафаккури тарроҳӣ» | 2 |
| 5 | Модули 4. Татбиқи салоҳиятҳои асосӣ (4К) дар амалияи муассиса (8 соат) | Салоҳиятҳои асосӣ (К4) чистанд ва чӣ гуна муассиса онҳоро рушд дода метавонад. Ташаккули ҳамаҷониба | 2 |
| | | Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ дар таълим, фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва лоиҳавӣ | 2 |
| | | Идоракунии шаклҳои омӯзиш ва муҳит, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ (4К) мусоидат мекунанд | 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Чӣ тавр ташаккули салоҳиятҳоро арзёбӣ кардан мумкин аст: нишондиҳандаҳо, ченакҳо, мониторинг | 2 |
| 6 | Модули 5. Арзёбӣ, идоракунӣ ва рушди муҳити таълим (8 соат) | Воситаҳои ташхиси муҳити таълимӣ: пурсишнома, харитаҳои мушоҳида, мусоҳиба ва таҳлилҳо | 2 |
| | | Таҳлили тарафҳои мусбат ва манфии муҳити муассисаи таълимӣ | 2 |
| | | Тартиби беҳсозӣ: тағйироти хурд, тарҳрезии гурӯҳӣ, ташаббусҳои муассисаи таълимӣ | 2 |
| | | Идоракунии таъмини мақсаднок, бехатар ва кушоди муҳити физикии муассиса | 2 |
| 7 | Модули 6. Пешбурди иҷтимоии мактаб ва рушди шарикӣ (8 соат) | Муассисаи кушода: ҳамкории муассиса бо падару модарон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, тиҷорат ва ҷомеа | 2 |
| | | Нақши директор дар мавқеъгирии муассиса дар экосистемаи таълимӣ | 2 |
| | | Ташкил ва рушди ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон (АВО): ҳадаф, вазифа, сохтор | 2 |
| | | Банақшагирии фаъолиятҳои АВО, мониторинг ва арзёбии фаъолияти он. Ташвиқот | 2 |
| 8 | Модули 7. Менеҷменти молиявӣ ва лоиҳакашии муассисавӣ (14 соат) | Низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 |
| | | Сарчашма ва усулҳои маблағгузории муассисаҳои таълимӣ | 2 |
| | | Ҳадди ақали меъёрҳои | 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | истифодашаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| | | Таҳияи сметаи ягонаи даромаду хароҷотҳои муассиса. Банақшагирии сметаи хароҷот | 2 |
| | | Асосҳои муайян кардани музди меҳнат дар муасиссаҳои таълимии умумӣ. Пардохти музди меҳнат ва маблағи ҷудошудаи корфармо | 2 |
| | | Банақшагирии хароҷоти маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ) | 2 |
| | | Банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муассисавӣ барои рушди муҳит, фарҳанг ва ҳамкории муассиса | 2 |
| 9 | Ҷамъбаст ва хулоса-барорӣ (2 соат) | Муаррифӣ ва муҳокимаи таҳияҳо, рефлексия (инъикос), фикру мулоҳизаи мутақобил. Санҷишӣ ниҳоӣ | 2 |
| | | **Ҳамагӣ:** | **72 соат** |

**Корҳои ҷамбастӣ:**

Таҳияи мини-лоиҳаи идоракунӣ: «Рушди муҳити таълимӣ ва шароитҳои ташаккулдиҳии салоҳиятҳои асосӣ 4К дар муассисаи ман» бо харитаи ташхис, мақсадҳо ва натиҷаҳои самараи онҳо.

## Адабиёт
## Аснодҳои меёрии ҳуқуқии соҳаи маориф


1. Консепсияи милии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, Матбуот, 2003.
2. Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ: «Талаботи гигиенӣ ба муассисаҳои таълимии умумӣ ва махсус (СанПин 2.4.2 001-15)». – Душанбе, 2017. 176 с.
3. Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон. МҚШ ҶТ 31-03-2018. Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2018. 40 с.
4. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе; 2015.
5. Низомномаи намунавии ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014,№15/9 тасдиқ шудааст).
6. Низомномаи намунавии фаъолияти беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014,№15/13 тасдиқ шудааст).
7. СНиП ҶТ 21-01-2018 «Амнияти сӯхтории биноҳо ва иншоотҳо» – талаботи умумӣ оид ба ҳифзи биноҳо ва дигар иншооти сохтмонӣ аз сӯхтор.
8. СНиП ҶТ 23-01-2018, 23-02-2021, 23-03-2017, 41-01-2018 (сарфаи энергия); СНиП ҶТ 30-01-2018, 30-04-2021, 40-02-2021, 40-01-2008 (ҷойгиркунӣ, обхезӣ, тозакунии обҳои боронӣ).
9. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарор Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон аз «1» августи соли 2015, №494).
10. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526).

11. Талаботи гигиенӣ ба муассисаҳои умумӣ ва махсус (СанПин 2.4.2001-15). – Душанбе, 2017. 176 с.
12. Тартиби ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ дар муассисаҳои гаҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014,№15/13 тасдиқ шудааст)
13. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, №2/3 тасдиқ шудааст.
14. Гончаров М.А. Основы менеджмента в образовании: учебное пособие. 2008
15. Морозова Т.В. Искусство управления: взгляд сквоз призму менеджмента//Завуч. Управление современной школой. №6, 2007.